Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 149 (4732) | ПАНҶШАНБЕ, 7 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## ГИРОМИДОШТИ НОМИ НЕКИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯИ ХУДОГОҲИЮ ХУДШИНОСИИ ТАЪРИХӢ МЕБОШАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик» ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров**

**шаҳри Душанбе, 5-уми декабри соли 2023**

**Ҳамватанони азиз!**

**Меҳмонони олиқадри Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик»!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар таърихи зиёда аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик садҳо чеҳраҳои мондагоре ҳастанд, ки нақши онҳо барои пойдории миллат, посдории илму фарҳанг, худшиносию худогоҳии мардум ва ободии сарзамини аҷдодӣ басо арзишманд мебошад.

Яке аз чунин чеҳраҳои барҷастаи давраи навтарини таърихи миллати тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад, ки дар рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири ҷумҳурӣ ва илми шарқшиносии асри XX саҳми бисёр муассир гузоштааст.

Мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳар яки шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори 115-солагии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ходими номдори давлатию сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров самимона табрик мегӯям.

Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро дар ҷодаи таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст.

Барои фаъолияти барҷастаи давлатӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба Бобоҷон Ғафуров бо Фармони Президенти мамлакат аз 8-уми сентябри соли 1997 унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бобоҷон Ғафуров дар муҳите тарбия ёфта буд, ки дар он муҳаббат ба илму дониш ва фарҳангу адаб арзиши баланд дошт. Аз ҷумла, модари ӯ шоираи номдор Розияи Озод, ки бо асарҳои адибони классики тоҷик, хусусан, бо осори устод Рӯдакӣ, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Бедил ва дигар шоирону донишмандон ошноии комил дошт, дар ташаккули шахсияти фарзанди худ нақши ҳалкунанда бозид.

Ҷавҳари ашъори ин модари огоҳу донишманд аз ғояҳои ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ иборат буд.

Самараи тарбия дар фазои мусоиди оилавӣ буд, ки Бобоҷон Ғафуров баъдтар ҳамчун ходими сиёсию давлатӣ, тарғибгари арзишҳои ҳаётбахши миллӣ ва таърихи пурифтихори миллати тоҷик дар фазои пӯшидаю мураккаби даврони хеш ба камол расид.

Бобоҷон Ғафуров аз корманди одии созмони ҷавонон, рӯзноманигорӣ ва муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик то роҳбари аввали ҷумҳурӣ ва директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС расида, зиёда аз 21 сол ин маркази бузурги илмиро сарварӣ кардааст.

Фаъолияти илмии ӯ аз омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷик оғоз ёфта, баъдан ҳаракатҳои миллию озодихоҳии мардуми Машриқзамин, масъалаҳои миллӣ дар Давлати Шӯравӣ, таърихи афкори сиёсию ҷамъиятӣ, зиндагию осори мутафаккирони бузурги Шарқ ва масъалаҳои мубрами илми шарқшиносӣ мавриди таҳқиқи доманадори олим қарор гирифтаанд.

Аввалин мақолаҳои таҳлилию танқидии ӯ ҳанӯз дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» чоп шудаанд, ки мавзӯи асосии онҳоро масъалаҳои таърихӣ ва зиддияту муборизаи ҷомеаи нав ва куҳна ташкил медоданд.

Бобоҷон Ғафуров навиштани мақолаҳои таърихию сиёсӣ, таҳлилӣ ва илмию оммавиро ҳангоми иҷрои вазифаҳои масъулиятноки ҳизбию давлатӣ низ пайваста идома додааст. Ӯ дар мақолаҳои худ илова ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисос, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ, такмили сатҳи дониши кормандони мақомоти давлатию ҳизбӣ ба таърихи бостонии халқи тоҷик, адабиёту фарҳанги пурғановати тоҷикон ва роҳҳои баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа эътибори ҷиддӣ медод.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ЙОРК ШУГРАФ

**6-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Федеративии Германия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Йорк Шуграфро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфтанд.**



Муҳтарам Рустами Эмомалӣ оғози фаъолияти дипломатии Йорк Шуграфро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, изҳори умед карданд, ки он барои тақвияти муносибатҳои ҳар ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои мубрами муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистону Германияро баррасӣ карда, рушди рӯзафзуни онро дар муддати беш аз сӣ соли барқарории муносибатҳои дипломатии байни ҳар ду давлат қайд намуданд.

Аз сатҳи ҳамкориҳо бо ҷониби Германия дар пешбурди шарикӣ ва саҳмгузорӣ баҳри рушди босубот изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ҳамчунин, дар рафти суҳбат масъалаҳои дурнамои рушд ва густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ ва байнипарламентӣ, тавсеаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ бо таваҷҷуҳ ба истифодаи имконияту захираҳои мавҷуда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

## ҲАМДАРДИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БИНОБАР ДАРГУЗАШТИ АМИРШО МИРАЛИЕВ

**6-уми декабри соли 2023 яке аз ходимони намоёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – собиқ Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон, узви Маҷлиси миллӣ ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев дар синни 77-солагӣ вафот кард.**



Ӯ дар тамоми давраи фаъолияти тӯлонии сиёсию давлатии худ ба мардум ва давлати Тоҷикистон содиқона хизмат кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар даргузашти Амиршо Миралиев ба аҳли оила ва наздикону пайвандони ӯ изҳори ҳамдардӣ намуданд.

**www.prezident.tj**



## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Дар бораи озод намудани судяҳо

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Табарзода Изатулло Сафар аз вазифаи муовини раиси Суди вилояти Хатлон,

Юсуфзода Муҳаммадалӣ Файзалӣ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе,

Абдулғанизода Абдумонеъ аз вазифаи судяи Суди шаҳри Душанбе бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан озод карда шаванд.

2. Зайдуллозода Саидаҳмад Миршариф аз вазифаи судяи Суди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад, озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 6 декабри соли 2023, № 654**

## САФАРИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БА ШАҲРИ ДУБАЙИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ

**5-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо даъвати Раиси Шӯрои миллии федералии Аморати Муттаҳидаи Араб Сақр Ғобаш ҷиҳати иштирок дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб сафар намуд.**

Дар кори Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим намояндагони зиёда аз 140 мақомоти миллии парлумонӣ иштирок менамоянд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## БАРОИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД



**Шашуми декабри соли 2023 таҳти раёсати муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 52 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласа вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода, муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоамон Рофизода, муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Зарафо Қиёмзода, мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Сайфиддин Сироҷзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**



## СУҲБАТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МУҲАММАД САЙИД САРВАР

**6-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Сайид Сарварро бо хоҳиши ӯ ба ҳузур пазируфтанд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст сафири навтаъинро ба муносибати ба ин вазифа таъин гардидан табрик гуфта, дар ин ҷода ба ӯ комёбиҳо орзу намуданд.

Бо қаноатмандӣ зикр карда шуд, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон бо кӯшишҳои тарафайн ва муколамаи мунтазами сиёсӣ дар сатҳи олӣ рушд меёбанд. Ҳамчунин, ҳамкории байнипарламентӣ аз самтҳои муҳими муносибатҳои байни ҳар ду давлат шуморида шуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъи ҳамкории байни кишварҳоро дар соҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва фарҳангию гуманитарӣ мавриди баррасӣ қарор доданд.

Вобаста ба тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳо дар самти мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории фаромиллӣ ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо мубодилаи афкор сурат гирифт.

**www.majmilli.tj**

(Идома аз саҳ. 1)

Аз нимаи дуюми солҳои 30-юми асри XX фаъолияти сиёсии олим оғоз мегардад ва дар ин давра ӯ дар вазифаҳои гуногуни ҳизбию давлатӣ кор карда, то мақоми роҳбари аввали ҷумҳурӣ, яъне котиби якуми Кумитаи марказии ҳизби ҳокими вақт интихоб мешавад.

Бояд гуфт, ки Бобоҷон Ғафуров нахустин тоҷике буд, ки пас аз ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба чунин мақоми баланди сиёсӣ интихоб ва таъин гардидааст.

Бо вуҷуди корҳои ҳизбию давлатӣ Бобоҷон Ғафуров таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро содиқона идома медод. Соли 1942 мақолаи ниҳоят муҳими Бобоҷон Ғафуров «Муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони аҷнабӣ» ва баъдан, соли 1944 дар заминаи он китоби «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ» нашр мешавад, ки дар роҳи баланд бардоштани ҳисси ватанпарастии мардум ва муҳаббат ба сарзамини аҷдодӣ нақши муассир мегузоранд.

Ӯ дар солҳои баъдиҷангӣ бо маҳорати баланди кордонӣ ва масъулиятшиносӣ дар танзиму такмили иқтисодиёти ҷумҳурӣ талош варзида, саъю кӯшиши худро ба он равона намуд, ки Тоҷикистон ба ҷумҳурии пешрафта табдил ёбад.

Соли 1947 Тоҷикистон аз рӯйи ҳосилнокии пахта дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷойи аввал ва аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли он ба ҷойи дуюм баромад.

... он ифода меёбад, ки се маротиба - солҳои 1949, 1952 ва 1955 ба забони русӣ дар Москва ба нашр расидааст.

Ҳадафи Бобоҷон Ғафуров аз нашри ин китоб ва асарҳои минбаъда ба ҷаҳониён собит намудани ин ҳақиқати илмӣ буд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин миллатҳои дунё буда, дар раванди рушди тамаддуни башарӣ нақши басо арзишманди таърихӣ бозидаанд. Воқеан, ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгардидаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, ба худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории мардуми тоҷик ва фарзандони бедордили фидоии миллат рӯҳи тоза бахшид.

Устод Садриддин Айнӣ чопи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-ро бо хушнудӣ истиқбол карда, онро такони ҷиддӣ дар дарки илмии гузаштаи ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Осиёи Миёна, қабл аз ҳама тоҷикон, ҳисобидааст.

Қобили зикр аст, ки маҳз баъди нашри ин китоби Бобоҷон Ғафуров аз тарафи мутахассисони соҳа ҳамчун асосгузори илми таърихи тоҷикон эътироф гардид.

Баъди чопи асари зикршуда Бобоҷон Ғафуров таҳқиқоти бунёдиро доир ба таърихи миллати тоҷик идома дода, соли 1972 дар Москва асари безавол худ «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна»-ро, ки воқеан, шинохномаи миллати тоҷик мебошад, ба чоп расонид. Ин шоҳасари безавол, ки самараи заҳмати сесолаи олим аст, аз ҷумлаи тадқиқоти бунёдӣ ва фарогирандаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Хизмати дигари барҷастаи Бобоҷон Ғафуров дар он аст, ки бо заҳмату талошҳои ӯ солҳои 1940 - 1970-уми асри XX дар Тоҷикистон мутахассисони баландпояи илми таърихшиносӣ тарбия ёфтанд ва ба камол расиданд.

Бо ташаббуси академик Бобоҷон Ғафуров солҳои 1963 – 1965 бори аввал асари илмии «Таърихи халқи тоҷик» дар се ҷилду панҷ китоб омода ва нашр гардид, ки дар ҳаёти илмию фарҳангии кишвари мо рӯйдоди бесобиқа буд.

Бобоҷон Ғафуров дар давраи роҳбарии худ тавонист як гурӯҳ олимони шарқшиносони барҷаста – А. Семёнов, М. Андреев, А. Якубовский, М. Дяконов, А. Беленитский, А. Окладников, А. Манделштам, Б. Литвинский, Е. Давидович ва дигаронро барои фаъолияти доимии корӣ ба Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академии илмҳои Тоҷикистон даъват намояд.

Минбаъд бо кумаку ташаббуси бевоситаи ӯ соли 1971 «Шоҳнома» дар ду ҷилд ба забони русӣ ва нуҳ ҷилд ба хати ниёгон дар «Силсилаи мероси хаттии Шарқ» ба табъ расид.

Дар он солҳо таҳқиқоти бевоситаи Бобоҷон Ғафуров ё зери назари ӯ силсилаи асарҳои «Фирдавсӣ – шуҳрат ва ифтихори маданияти ҷаҳонӣ» (1972), «Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал - Берунӣ» (1974), «Амир Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ «Ҳашт биҳишт»» (1971), «Мирзо Ғолиб – шоири бузурги Шарқ» (1972) ва «Ал-Форобӣ дар таърихи маданият» интишор ёфтанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногун ...

... сулҳ дар сайёра бо медали тиллоии Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ қадршиносӣ шудааст. Ӯ ҳамчунин, яке аз аввалин шахсоне мебошад, ки бо Ҷоизаи байналмилалӣ ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру сарфароз гардидааст.

Бобоҷон Ғафуров барои фаъолияти гуногунҷанбаи худ, инчунин, бо даҳҳо мукофоти олии давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардонида шудааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бояд таъкид кард, ки гиромидошти номи неки Бобоҷон Ғафуров мактаби бузурги тарбияи худогоҳию худшиносии таърихӣ ва ифтихори миллӣ мебошад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки хотираи ин фарзанди фарзонаи миллатро пос дорем, шоҳасари «Тоҷикон» ва дигар осори безавали ӯро пайваста омӯзем ва аз кору фаъолияти фидокоронааш сабақ гирем.

Ин амр, бахусус, дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 115-солагии аллома Бобоҷон Ғафуров аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ин ҷашнро дар фазои созандагию бунёдкорӣ, дар рӯҳияи ваҳдату якдигарфаҳмӣ, ҳисси баланди миллӣ ва саъю талош ба хотири таҳкими пояҳои истиқлолияти давлатӣ истиқбол гирифтан қарзи ватандории ҳар як фарди огоҳу бедордили ҷомеа мебошад.

Ман дар мулоқоту суханрониҳоям ҳанӯз аз оғози фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат борҳо иброз дошта будам, ки мо бояд кӣ будани аҷдодамон ва худамонро донем, яъне решаҳои худро шиносем, ба онҳо арҷ гузорем ва аз насли орийӣ, яъне орийётабор, будани худ ифтихор намоем. Яъне, мо бояд донем ва ифтихор дошта бошем, ки яке аз қавмҳои асосии орийӣ ҳастем.

Дар робита ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2019 ба Ҳукумати мамлакат супориш дода будам, ки бо мақсади омӯзиши амиқи таърихи пурифтихори халқи тоҷик шоҳасари Бобоҷон Ғафуров китоби «Тоҷикон»-ро аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти кишвар чоп карда, то Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз номи Роҳбари давлат ба ҳар як оила дастрас намояд.

Дар идомаи ин иқдом ва ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бо Амри Президенти мамлакат аз моҳи июли соли 2022 озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» эълон гардид. Ин озмун бо мақсади арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори тоҷикон, омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик, тақвияти ҳисси худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва шинохти нақши миллати куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни башарӣ дар чор марҳала баргузор гардид.

Имрӯз дар ин толор ғолибони даври сеюму чоруми ин озмун ва гирандагони шоҳҷоиза ҳузур доранд. Бо истифода аз фурсат, ғолибон, гирандагони ҷойҳои ифтихорӣ ва ҳамаи онҳоеро, ки дар ин озмун ширкат доштанд, самимона табрик мегӯям.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки иштироки ҳар як фард дар ин озмун нишонаи муҳаббату дилбастагӣ ба таърих, забон ва фарҳангу маънавиёти миллати тамаддунсози тоҷик мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дастовардҳои назаррас дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги деринаи тоҷикон дар арсаи байналмилалиро омӯхта, пешниҳод манзур намояд.

Мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки ҳаёту фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров ва асари безаволи ӯ «Тоҷикон», дар ҳақиқат, солҳои 70-уми асри гузашта ба болоравии худшиносӣ ва худогоҳии миллии халқи мо такони ҷиддӣ бахшид ва ин раванд дар даврони соҳибистиқлолӣ ба хотири пояндагии миллат ва таҳкими иқтидори давлатдории навини тоҷикон ба маҷрои тоза ворид гардид.

Ҳадафи мо аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангию тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландию сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳар чӣ бештар ва оқилона истифода барем.

Бо таъкиди ин нуктаи муҳим бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, ҳамаи шумо – меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромиро ба ифтихори 115-умин солгарди зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров табрик гуфта, барои шумо сулҳу субот, саломатию хонаободӣ, пирӯзию сарбаландӣ ва ба кулли сокинони мамлакат зиндагии босаодат орзу менамоям.

**Ташаккур!**

# ГИРОМИДОШТИ НОМИ НЕКИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ МАКТАБИ БУЗУРГИ ТАРБИЯИ ХУДОГОҲИЮ ХУДШИНОСИИ ТАЪРИХӢ МЕБОШАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров – бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик» ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров**

**шаҳри Душанбе, 5-уми декабри соли 2023**

Барои натиҷаҳои беҳтарини дар солҳои 1946 – 1947 бадастоварда 184 нафар пешқадами истеҳсолоти ҷумҳурӣ, аз ҷумла 41 нафар занон, ба гирифтани унвони Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ ва 4216 нафар бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуданд.

Саҳми Бобоҷон Ғафуров дар бунёди даҳҳо корхонаи азими саноатӣ, рушди соҳаи аграрӣ, бахусус дар самти муҳоҷиркунонии мардуми кӯҳистон барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ва пешрафти илму фарҳанги Тоҷикистон, басо арзишманд мебошад.

Бунёди муассисаҳои нави илмию таълимӣ, таъмин намудани онҳо бо мутахассисони таҷрибадор ва аз дигар ҷумҳуриҳо ба Тоҷикистон даъват кардани беҳтарин олимони соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумлаи ташаббусҳои Бобоҷон Ғафуров мебошад. Зери роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Душанбе соли 1948 Университети давлатӣ, соли 1951 Академияи илмҳо ва соли 1955 Донишкадаи политехникӣ ба фаъолият оғоз намуданд.

Бобоҷон Ғафуров бо олимону адибон дар иртиботи доимӣ қарор дошт ва инкишофи илми Тоҷикистонро пайваста дастгирӣ, назорат ва роҳнамоӣ мекард.

Дар солҳои роҳбарии Бобоҷон Ғафуров силсилаи ҳафриёти бостоншиносӣ роҳандозӣ гардид, ки натиҷаи онҳо дар омӯзиши мукаммали таърихи гаронқадри миллати фарҳангии тоҷик аз аҳамияти хос бархӯрдор аст. Ҳанӯз соли 2016 дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» ман таъкид карда будам, ки дар давраи роҳбарии Бобоҷон Ғафуров (солҳои 1946 – 1956) ягон соҳаи муҳими ҷумҳурӣ аз мадди назари ӯ дур намондааст.

Мехостам боз як самти сиёсати оқилонаи Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун роҳбари оқилу кордони ҷумҳурӣ дар самти амалӣ сохтани нақшаи муҳоҷиркунӣ таъкид намоям. Бобоҷон Ғафуров зимни сиёсати муҳоҷиркунии дохилӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии халқ ва иттиҳоду ягонагии мардуми тоҷикро дар меҳвари фаъолияти роҳбарии худ қарор дода буд.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро хотирнишон намоям, ки илова ба иҷрои вазифаҳои гуногуни роҳбарӣ, маҳз Бобоҷон Ғафуров пас аз устод Садриддин Айнӣ ба таҳқиқи мукаммали таъриху тамаддуни тоҷикон иқдом намудааст. Ӯ дар марҳалаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшид, ки аввалин падидаи дурахшони он эҷоди асари бунёдии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» мебошад.

Ин асар бори аввал соли 1947 дар шаҳри Душанбе ба забони тоҷикӣ нашр гардид. Арзиши баланди илмии китоби мазкур ҳамчун дастоварди илми таърихшиносии тоҷик дар ...

«Тоҷикон» асарест, ки таърихи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX дар бар мегирад ва дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ, осори фаровони хаттии таърихию адабӣ ва таҳқиқоти олимони маъруфи Шарқу Ғарб ба таври хеле муфассал таълиф шудааст.

Дар ин асари безавол ҷараёни ташаккулёбии миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён гардидаанд.

Аҳамияти ин асар имрӯз, яъне дар шароити вусъати рӯзафзун пайдо кардани паҳлуҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ, барои худшиносию худогоҳии миллии мардум, хусусан, наврасону ҷавонон ва тавсеаи тафаккури таърихии онҳо, торафт меафзояд.

Бо назардошти ин, мо шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуровро аз нав чоп карда, ба ҳар як оилаи сокини мамлакат ҳамчун туҳфаи Роҳбари давлат дастрас намудем.

То ин замон китоби «Тоҷикон» дар кишвари мо чанд маротиба чоп шуда буд, вале бо сабаби маҳдуд будани теъдоди нашр ба китоби хеле камёб табдил ёфта буд.

«Тоҷикон» ҳоло китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифат ва бонангу номуси миллати тоҷик мебошад. Илова бар ин, шарҳу тавзеҳи мухтасари илмию оммавии ин шоҳасар ба хотири комилан дастрасу фаҳмо шудани мазмуну муҳтавои он ба ҳар як сокини кишвар аз тарафи олимони Академияи миллии илмҳо омода ва чоп гардид. Ҳоло «Тоҷикон» ба забонҳои англисӣ, ҷопонӣ, лаҳистонӣ, чинӣ, арабӣ ва фаронсавӣ тарҷума, нашр ва тавассути расонаҳои интернетӣ ба ихтиёри хонандагон ва дӯстдорони таърихи бостонии халқи тоҷик гузошта шудааст.

Китоби «Тоҷикон» барои ҳавзаи фарҳангии забони тоҷикӣ – форсӣ, пеш аз ҳама, Афғонистон ва Эрон низ бо хати ниёгон ба табъ расид.

Олими дақиқкор бо ин асари худ таърихи миллатеро, ки дар илму фарҳанг ва таъриху тамаддуни башарӣ нақши барҷаста бозидааст, аз нав зинда гардонид.

Бобоҷон Ғафуров дар асоси садҳо далели холисонаи илмӣ дар шоҳасари худ исбот намуд, ки миллати фарҳангию тамаддунофари тоҷик бо доштани чунин таърихи пурифтихор, мероси ғании илмию адабӣ ва анъанавию арзишҳои асилу пурбор ҳаргиз ба таърихсозӣ, яъне таҳрифи огоҳонаи таърих ва афзалиятхоҳию бузургтарошии бебунёд эҳтиёҷ надорад.

Арзиши баланд ва таҳлилу таҳқиқи фарогири илмии ин асар аз ҷониби маъруфтарин мутахассисони тамаддуни халқҳои Шарқ ба таври сазовор истиқбол ва эътироф гардид.

... сазовори баҳои баланд гардиданд.

Дар хориҷи кишвар тарҷума ва нашр гардидани асарҳои арзишманди Бобоҷон Ғафуров, аз ҷумла «Тоҷикон», «Дар бораи робитаҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар замони Ҳахоманишиҳо», «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ» далели равшани эътирофу эътибори ҷаҳонии ӯ мебошад.

Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муҳаққиқи барҷаста ва ташаббускори илм дар рушди ховаршиносӣ низ саҳми бузург гузошт. Ӯ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ илми шарқшиносии шӯравиро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад. Пас аз сарвари Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таъин шудани ин донишманди бузург доираи омӯзиши таъриху фарҳанги мардумони Машриқзамин хеле васеъ гардид.

Дар он солҳо бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Бобоҷон Ғафуров перомуни масоили тамаддуни мардуми Шарқ бузургтарин конгрессу симпозиумҳои байналмилалӣ баргузор гардиданд. Яке аз чунин чорабиниҳои донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ, ки ба масъалаи басо муҳим – омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва фарҳанги Осиёи Марказӣ дар аҳди Кӯшониён бахшида шуда буд, соли 1968 дар пойтахти Ватани мо – шаҳри Душанбе доир гардида, боз як саҳифаи торики таърихи гузаштаи халқи моро равшан сохт.

Институти шарқшиносӣ дар давраи роҳбарии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик дар муддати хеле кӯтоҳ на танҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз марказҳои бузургтарини илмӣ дар самти омӯзиши кишварҳои Осиё ва Африқо табдил ёфт. Ба шаҳодати шарқшинос – ҷопоншиноси маъруфи рус Владимир Алпатов: «он давра марҳалаи беҳтарин дар ҳаёти институт буд».

Маҳз, ба ҳамин хотир, олими тоҷик Бобоҷон Ғафуров яке аз поягузорони шарқшиносӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Россия шинохта шудааст.

Бобоҷон Ғафуров дар таърихи гузаштаи халқҳо, пеш аз ҳама, лаҳзаҳоеро меҷуст, ки роҳро ба созандагӣ, наздикӣ ва дӯстии онҳо ҳамвор созанд.

Имрӯз мо ифтихор дорем, ки маҳз фарзанди номдори миллати мо дар таҳқиқи тамаддуни мардуми Осиё ва Африқо пешоҳанг буд ва дар ин ҷода корҳое ба сомон расонид, ки солҳо аз ёди мардумони Машриқзамин нахоҳанд рафт.

Бобоҷон Ғафуров ҳаёт ва фаъолияти гуногунҷанбаи худро на танҳо ба пешрафти иқтисодиёту маънавиёти Тоҷикистон бахшидааст, балки ҳамчун олим ва сиёсатмадори оқил сарфи озодию истиқлол ва рушди илму тамаддуни бисёр кишварҳои Шарқ низ кардааст. Хизматҳои ӯ дар роҳи ба ҳам наздик сохтани тамаддунҳо ва таҳкими ...

# ТУҲФАИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БА САРОЯНДАИ ТОҶИК



**6-уми декабри соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ғолиби озмуни телевизионии Россия - «Биёед, ҳама якҷоя!» Фаррух Ҳасанов калиди хонаи 3-ҳуҷрагӣ тақдим намуданд, иттилоъ дод АМИТ «Ховар» бо истинод ба шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.**

Ёдовар мешавем, ки сарояндаи 25-солаи тоҷик Фаррух Ҳасанов дар мавсими 5-уми ҷашнии озмуни «Ну-ка, все вместе!» («Биёед, ҳама якҷоя!»)-и Шабакаи телевизионии «Россия-1»-и Федератсияи Россия ғолиб омада, соҳиби Шоҳҷоиза гардид.

Озмун маротибаи панҷум аст, ки дар Шабакаи телевизионии «Россия - 1» намоиш дода мешавад. Мавсими навбатии он 8-уми сентябри соли 2023 оғоз гардид. Фаррух дар финал маҳорати баланд нишон дода, соҳиби Шоҳҷоиза ва 5 000 000 рубли русӣ гардид.

Ба ҳунари волои сарояндагии Фаррух овозхонҳои машҳури Россия, аз ҷумла Филипп Киркоров, Николай Басков ва Сергей Лазарев, баҳои баланд доданд.

Фаррух Ҳасанов дар маросими ҷоизагирӣ иброз дошт, ки ин дастоварди худро ба Ватанаш мебахшад.

- Ман бо ин дастовард бори дигар исбот намудам, ки мардуми тоҷик, дар ҳақиқат, соҳиби фарҳангу маърифати баланд ва маҳорату истеъдоди хоса мебошанд, - гуфт ӯ .

Фаррух Ҳасанов, ҳамзамон, соли 2022 сазовори ҷоизаи озмуни миллии «Tarona Music Award» гардида буд.

**АМИТ «Ховар»**

# ТОҶИКИСТОН - МАРКАЗИ ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

**Чоруми декабри соли 2023 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода дар ҷаласаи 10-уми сайёри намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва вакилони парлумони кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба тағйирёбии иқлим, ки дар доираи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (СОР-28) дар шаҳри Дубайи Аморoти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, дар мавзӯи «Такмили қонунгузорӣ, заминаҳои институтсионалӣ ва татбиқи сиёсати иқлим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» суханронӣ намуд.**

Файзалӣ Идизода иброз намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ воқеияти мушкилоти тағйирёбии иқлим ва зарурати амалкарди ҳамоҳангшуда ва глобалиро ба таври қатъӣ эътироф кардааст. Аз ин лиҳоз, парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ташаббусҳои қонунгузорӣ маркази чорабиниҳои гуногун оид ба ҳифзи муҳити зист ва масъалаҳои тағйирёбии иқлим мебошад. Масалан, 18 апрели соли 2023 бо иштироки вазорату кумитаҳои масъул чорабинии парлумонӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон - ташаббускор дар самти глобалии об» баргузор гардид, ки дар он рафти иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо, инчунин такмили қонунгузории кишвар дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳар сол дар чаҳорчӯби муҳокимаҳои парлумонӣ ҷараёни иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои экологӣ таҳлил гардида, дар натиҷаи он ба вазорату идораҳои масъул тавсияҳо дода мешаванд. Ҳамчунин, парлумони кишвар ҳамасола озмуни ҷумҳуриявии беҳтарин мақола ва корҳои илмӣ дар мавзӯи ҳифзи муҳити зист, «иқтисоди сабз» ва татбиқи санадҳои байналмилалиро дар ин соҳа баргузор мекунад, ки дар он намояндагони бахшҳои гуногуни ҷомеа ширкат менамоянд.

Иброз гардид, ки дар Тоҷикистон заминаи қонунгузорӣ ва дастурии амалҳое, ки ба ҳалли мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим нигаронида шудаанд, фароҳам оварда шуда, саҳми Тоҷикистон дар беҳбуди вазъи экологии минтақа ва сайёра тавассути коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ афзоиш ёфта, дар кишвар барои рушди «иқтисоди сабз» тамоми шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар Тоҷикистон ба истифодаи самараноки манобеи барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мутобиқшавии аҳолӣ ба тағйири иқлим ва ташаккули «иқтисоди сабз» мусоидат мекунад, аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Ин чорабиниҳо мусоидат менамоянд, ки амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва барномаҳои миллӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва идоракунии захираҳои об, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ, афзунгардонӣ ва диверсификатсияи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва коҳиш додани талафоти энергетикӣ, таҷдид, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва рушди бахшҳои иқтисодиёт имконпазир гардад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ИФТИХОРИ 115-СОЛАГИИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**Панҷуми декабри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Кохи Ваҳдат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров - бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик» баргузор гардид.**

Кори симпозиуми сатҳи баландро бо сухани муқаддимавӣ президенти Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ифтитоҳ карда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нахуст, мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва иштирокчиёни чорабиниро ба ифтихори 115-солагии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ходими номдори давлатию сиёсӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров самимона табрик гуфтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми аллома Бобоҷон Ғафуровро дар рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон, инкишофи илму фарҳанги муосири ҷумҳурӣ ва илми шарқшиносии асри XX бисёр муассир арзёбӣ карданд.

Таъкид гардид, ки Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияташро дар ҷодаи таҳқиқи анъанаҳои давлатдории тоҷикон, гузаштаи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик, мақом ва ҷойгоҳи таърихии тоҷикон дар илму адаб ва фарҳангу тамаддуни башарӣ сарф намудааст.

Бинобар ин, барои фаъолияти барҷастаи давлатӣ ва хизматҳои бузург дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ ба Бобоҷон Ғафуров 8-уми сентябри соли 1997 бо Фармони Президенти мамлакат унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории ин чорабинии сатҳи баландро нишонаи олии қадршиносии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматҳои арзандаи Бобоҷон Ғафуров дар назди халқу давлати тоҷик арзёбӣ карда, зимни суханронии пурмуҳтаво оид ба ҳаёти ибратомӯз ва фаъолияти самаранокаш дар роҳи муаррифии мардуми бофарҳангу тамаддунофари тоҷик дар арсаи олам андешаронӣ намуданд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки Бобоҷон Ғафуров бо олимону адибон дар иртиботи доимӣ қарор дошт ва инкишофи илми Тоҷикистонро пайваста дастгирӣ, назорат ва роҳнамоӣ мекард.

Бобоҷон Ғафуров пас аз устод Садриддин Айнӣ ба таҳқиқи мукаммали таъриху тамаддуни тоҷикон иқдом намудааст. Ӯ дар марҳалаи нави рушди илму фарҳанги тоҷик риштаи тоҷикшиносиро густариш бахшид, ки аввалин падидаи дурахшони он эҷоди асари бунёдии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» мебошад.

Таъкид гардид, ки ҳадафи устод Бобоҷон Ғафуров аз нашри ин китоб ва асарҳои минбаъда ба ҷаҳониён собит намудани ин ҳақиқати илмӣ буд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин миллатҳои дунё буда, дар раванди рушди тамаддуни башарӣ нақши басо арзишманди таърихӣ бозидаанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар бораи аҳамияти шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров андешаронӣ карда, иброз доштанд, ки «Тоҷикон» асарест, ки таърихи миллати тоҷикро аз замонҳои қадимтарин то ибтидои асри XX дар бар мегирад ва дар заминаи маводи зиёди бостоншиносӣ, осори фаровони хаттии таърихию адабӣ ва таҳқиқоти олимони маъруфи Шарқу Ғарб ба таври хеле муфассал таълиф шудааст. Дар ин асари безавол ҷараёни ташаккулёбии миллати тоҷик, рушди фарҳанги миллӣ ва ҳамзамон бо ин, лаҳзаҳои фоҷиабори ҳаёти мардуми мо ва қаҳрамониҳои таърихии фарзандони ҷоннисори он возеҳу равшан ва бо истифода аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ баён гардидаанд.

- «Тоҷикон» ҳоло китоби рӯимизии ҳар як фарди соҳибмаърифат ва бонангу номуси миллати тоҷик мебошад, - зикр карданд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти мамлакат ба Ҳукумати кишвар супориш доданд, ки масъалаи таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дастовардҳои назаррас дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ ва муаррифии таъриху фарҳанги деринаи тоҷикон дар арсаи байналмилалиро омӯхта, пешниҳод манзур намояд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки ба хотири огоҳии ҳар чӣ бештари мардум аз таъриху фарҳанг ва тамаддуни аҷдодони хеш «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ чоп ва ба тамоми мардуми кишвар дастрас карда шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ҳадафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гиромидошт ва зинда нигоҳ доштани ному корномаи фарзандони бузурги миллати тоҷик ин аст, ки таърихи пурифтихор ва мероси пурбори илмӣ, адабӣ ва фарҳангию тамаддунии худро соҳибӣ ва ҳимоя кунем, ин таърихи пурифтихор ва ин мероси гаронмояро ба хотири иттиҳоду сарҷамъӣ ва сарбаландию сарфарозии мардумамон, ободии Ватани аҷдодиамон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллиамон ҳар чӣ бештар ва оқилона истифода барем.

Баъди суханронии пурмуҳтавои Президенти мамлакат дар Симпозиуми байналмилалии «Бобоҷон Ғафуров - бузургтарин муҳаққиқ ва муаррифгари таърихи халқи тоҷик» меҳмонони чорабинӣ, олимону коршиносони сатҳи байналмилалӣ Виталий Наумкин - академики Академияи илмҳои Россия, Сзин Сзэ - муовини директори Институти Аврупо, Россия ва Осиёи Марказии Академияи илмҳои Чин, Ҳасан Булхорӣ - устоди Донишгоҳи Теҳрон, Франсис Ришар - шарқшинос аз Франсия, Навшоҳи Ориф доктори илми таърих аз Ҷумҳурии Исломии Покистон, Иброҳим Истамбулӣ - тарҷумони арабии китоби «Тоҷикон» аз Сурия ва Давлатзода Шоираи Кароматулло - донишҷӯи курси чоруми факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, барандаи Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон - оинаи таърихи миллат» суханронӣ карда, дар бораи хизматҳои арзандаи аллома Бобоҷон Ғафуров дар роҳи равшан намудани таърих ва пайдоиши давлату миллати тоҷик ва қадршиносиҳои фарзандони фарзонаи миллат аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаронӣ карданд.

**www.prezident.tj**

# БАРОИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Зоир Раҳмонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зоир РАҲМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, Ф. Раҳимӣ, М. Набизода ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодири Қосим, Р.Латифзода, М. Ахмедов ва З. Раҳмонзода таҳия шудааст, пешниҳод мегардад.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар доираи ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, хоса ташаббуси нави Сарвари давлат оид ба масъалаҳои обу иқлим ва Қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки дар иҷлосияи 77-уми СММ аз 14 - уми декабри соли 2022 қабул шудааст, таҳия гардидааст. Бо ин мақсад, лоиҳаи қонуни мазкур дар шакли мукаммал таҳия гардида, он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряхҳоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои обӣ муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба пешбурди корҳои омӯзишӣ, илмию таҳқиқотӣ, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳоро танзим мекунад.

Лоиҳаи қонуни мазкур аз муқаддима, 4 боб ва 20 модда иборат мебошад.

Боби 1-уми лоиҳаи қонун (моддаҳои 1 ва 5) муқаррароти умумӣ буда, мафҳумҳои асосӣ, заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи пиряхҳо, сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо, принсипҳои асосии ҳифзи пиряхҳо, ҳуқуқи моликият ба пиряхҳо ва фонди ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Дар боби 2- юми лоиҳаи қонун (моддаҳои 6 - 11) танзими давлатии ҳифзи пиряхҳо - вазифаҳои танзими давлатии ҳифзи пиряхҳо, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳо, ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳифзи пиряхҳо, фаъолият дар минтақаҳои ҷойгиршавии пиряхҳо, арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари банақшагирифташаванда ба пиряхҳо пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 8- уми лоиҳа мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳа ифода шуда, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист оид ба ҳифзи пиряхҳо ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими захираҳои об оид ба истифодаи захираҳои оби пиряхҳо муқаррар гардидаанд.

Дар боби 3-юми лоиҳаи қонун (моддаҳои 12 ва 17) заминаи ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва мониторинги пиряхҳо, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряхҳо, фаъолияти шабакаи давлатии мушоҳидавии пиряхҳо, ташкил ва мукаммалсозии махзани маълумот дар бораи омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо, аз ҷумла пиряхҳои фаромарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар карда шудааст.

Боби 4- уми лоиҳаи қонун (моддаҳои 18-20) муқаррароти хотимавӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор гирифтани онро пешбинӣ менамоянд.

Лоиҳаи қонуни мазкур расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳояшон лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмили он ба кумитаи масъул дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ 48 таклиф пешниҳод карданд, ки аз он 40 таклиф қабул, 7 таклиф қисман қабул ва 1 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба талаботи моддаи 13- уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ» ва «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарафо Қиёмзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зарафо ҚИЁМЗОДА:**



**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»-ро амали саривақтӣ арзёбӣ менамояд, зеро пиряхҳо объектҳои муҳими муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои оби мамлакат мебошанд.

Маҳз, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои об ва ба роҳ мондани мудирияти ҳамгироёнаи онҳо, ҳамчунин ҳифзи низоми экологии об, ҳифзи пиряхҳо чун манбаи оби тоза имрӯз ба рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид гардидаанд, ки аз дастовардҳои муҳими талошҳои муштараки чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад ва боиси ифтихор аст, ки дар иҷлосияи 77-уми Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи ин созмони бонуфуз дар бораи эълон гаштани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» қабул гашт ва масъалаи пок нигоҳ доштани оби ошомидanӣ ва ҳифзи сарватҳои боарзиши табиат ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намуд.

Тибқи қатъномаи мазкур пас аз соли 2025-ум 21-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардида, «Фонди боварии байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо» таъсис ёфт ва баргузории конференси сатҳи баланди байналмилалӣ дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе пешбинӣ шудааст.

Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряхҳо чун сарчашмаи сарсабзии табиат, барои ба роҳ мондани корҳои омӯзишӣ, илмию таҳқиқотӣ, мониторинг ва ҳифзи пиряхҳо тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқиро муқаррар карда, пешбурди сиёсати давлатӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи пиряхҳоро ба таври мушаххас пешбинӣ намояд.

Бо дарназардошти ин, аз шумо - вакилони гиромӣ бо камоли эҳтиром хоҳиш мекунам, ки барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА: -** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон қайд карда буданд, ки 1000 пиряхи кишвар об шудааст. Оё барои пешгирӣ кардани обшавии пиряхҳо олимон ягон чора андешидаанд ё не?

**Зарафо ҚИЁМЗОДА: -** Тағйирёбии иқлим равандест, ки пеши роҳи онро гирифтан хеле мушкил аст. Мо танҳо бо шинонидани дарахтон ва сохтани обанборҳо, хусусан НБО «Роғун», ки боиси паст шудани ҳарорат мегардад, метавонем саҳмгузор бошем. Дар ин самт тадқиқотҳо ва дигар чорабиниҳо амалӣ шуда истодаанд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода дода мешавад.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**
**- Муҳтарам Дилрабо Мансурӣ, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Наздик ба 6 дарсади ҳудуди Тоҷикистонро пиряхҳо ташкил медиҳанд ва дар шароити тағйирёбии иқлим ҳифзи пиряхҳоро тавассути қонуни муайян мувофиқи мақсад мешуморем.

2 – юми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити «Гурӯҳи 77 ва Чин» дар асной Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP- 28) таъкид намуданд: «Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат, таъсири манфӣ мерасонад. То имрӯз дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях пурра об шудааст. Ин дар ҳоле мебошад, ки 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз пиряхҳои Тоҷикистон сарчашма мегиранд».

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» дар ҳошияи ташаббуси навбатии байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҳифзи пиряхҳо таҳия гардида, итминон дорем, ки бо қабули ин санади муҳим пиряхҳо минбаъд ҳамчун манбаъҳои стратегии захираҳои об ва объектҳои муҳити зист ҳифз карда шаванд. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фазлиддин Икромӣ дода мешавад.

**Фазлиддин ИКРОМӢ:**
**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаҳони муосир аз ҷумлаи муаммоҳои экологӣ масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим, сол то сол гармтар шудани ҳаво, обшавии пиряхҳо, ки ҳамчун захираи бунёдии оби ошомидании тоза мебошанд, ба мушкилоти рақами якуми умумибашарӣ табдил ёфта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст.

Ҳамин аст, ки кишвари мо тайи 20 соли охир ташаббускори фаъоли масъалаҳои марбут ба об дар сатҳи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Натиҷаи кӯшишҳои роҳбарияти олии мамлакат буд, ки 14 – уми декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ Қатъномаи «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, қабул кард. Мояи ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои аъзои СММ дастгирӣ ёфтанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 30-юми ноябри соли ҷорӣ дар иҷлосияи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ доир ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб дар баромадашон бори дигар диққати мамлакатҳои дунёро ба ин масъалаи муҳим ҷалб намуданд. Аз ин лиҳоз, таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» бо дарназардошти аҳамияти муҳими пиряхҳо дар таъмини пешбурди иқтисодиёти миллӣ, дастгирии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун объектҳои муҳити табиӣ саривақтӣ ва муҳим мебошад. Дар он ваколатҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳои муассисаҳои давлатии илмӣ дар ҳифзи пиряхҳо, танзими давлатӣ ва асосҳои ташкилии омӯзиш ва мониторинги пиряхҳо, таъсис ва тартиби истифодаи Фонди ҷумҳуриявии ҳифзи пиряхҳо, мамнӯият ва маҳдудкунии намудҳои фаъолият дар соҳаи ҳифзи пиряхҳо, ташаккул ва истифодаи махзани иттилоотӣ, пешбурди Феҳристи давлатии пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаи марбутаи соҳа пешбинӣ гардидаанд, ки барои пешбурди бонизоми сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст, мутобиқи банди 337-и Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряхҳо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: -** Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» шурӯъ мекунем. Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Ғиёсиддин Шарифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин ШАРИФЗОДА:**
**- Муҳтарам раисикунанда, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» пешниҳод мегардад. Лоиҳаи қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Мансурӣ, Н. Содиқӣ, Ғ. Шарифзода, Ф. Наҷмиддиниён, Г. Шарофзода ва Р. Даринг таҳия ва пешниҳод гардидааст. Мақсади пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур тақвият бахшидан ба заминаҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи фарҳанг, ҳифзи мероси фарҳанги миллӣ ва мероси фарҳанги ғайримоддӣ, истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ, инчунин эҳёи ёдгориҳои таърихии ба гӯшаи фаромӯшӣ гузошташуда, мушаххас гардонидани ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳа ва мутобиқгардонии қонуни амалкунанда ба талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар раванди таҳияи лоиҳаи қонун нуктаҳои асосии лоиҳаи қонуни намунавии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва якчанд давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон «Дар бораи фарҳанг», инчунин пешниҳоду таклифҳои мутахассисону коршиносони соҳа ба инобат гирифта шудааст.



Дар лоиҳаи қонун 35 моддаи нав, аз ҷумла «Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» (моддаи 5), «Уҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг» (моддаи 7), «Кафолати давлатии шаҳрвандон дар соҳаи фарҳанг» (моддаи 8), «Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони соҳаи фарҳанг» (моддаи 15), «Имтиёзҳои кормандони соҳаи фарҳанг» (моддаи 16), «Субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ» (моддаи 18), «Мақоми муассисаҳои соҳаи фарҳанг» (моддаи 20), «Муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи фарҳанг» (моддаи 21), «Назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» (моддаи 40), «Феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» (моддаи 45) ва мафҳумҳои «фаъолият дар соҳаи фарҳанг», «объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», «сарватҳои таърихию фарҳангӣ», «мероси фарҳанги ғайримоддӣ» ва «муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг» пешбинӣ гардидаанд.

Лоиҳаи қонун аз 11 боб ва 70 модда иборат буда, дар боби 1 (моддаҳои 1-8) шарҳи мафҳумҳои дар лоиҳаи қонун истифодашуда, принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг, боби 2 (моддаҳои 9-14) салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба таври мушаххас оварда шудааст.

Дар боби 3 (моддаҳои 15-16) ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони соҳаи фарҳанг ва имтиёзҳои онҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар боби 4 (моддаҳои 17-38) фаъолият дар соҳаи фарҳанг, субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ, мақоми муассисаҳои соҳа, номгӯи муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи фарҳанг, муассисаҳои таълимӣ дар ин соҳа, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таъбу нашр, консертӣ, театр, китобхона, бойгонӣ, иттифоқҳои эҷодиро муназзам месозад.

Боби 5 (моддаҳои 39-45) фарогири танзими давлатӣ дар соҳаи фарҳанг буда, ба назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, омода намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон, аттестатсияи онҳо, аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии соҳавӣ ва феҳристи ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳангро ба танзим медарорад.

Дар бобҳои 6 ва 7 (моддаҳои 46-51) масъалаҳои мансуб ба ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи фарҳанг, ҳавасмандгардонии онҳо, чорабиниҳои оммавии фарҳангӣ, тартиби ташкилу гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ, уҳдадориҳои ташкилкунандагони чорабиниҳои оммавӣ-фарҳангӣ ифода гардидаанд.

Боби 8 (моддаҳои 52-57) барои ба танзим даровардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ, мероси таърихию фарҳангии миллӣ, мероси фарҳанги ғайримоддӣ, паҳн ва дастраси омма гардонидани сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муносибати молумулкӣ вобаста ба ин сарватҳои нодири миллӣ бахшида шудааст.

Дар боби 9 (моддаҳои 58-62) фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, манбаъҳои маблағгузории соҳа, ҳуқуқҳои молумулкии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, таъминоти моддию техникии онҳо пешбинӣ гардидааст.

Инчунин, дар боби 10 (моддаҳои 63-67) ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг, робитаҳои фарҳангӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ, сарватҳои таърихию фарҳангии бурунмарзии халқи тоҷик, марказҳои фарҳангӣ дар хориҷи кишвар ва муносибат бо ташкилотҳои фарҳангии байналмилалӣ ифода гардидааст. Боби 11 (моддаҳои 68-70) муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 - уми декабри соли 2022 таҳти №1524 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмили он 268 таклиф пешниҳод намуданд, ки 182 таклиф қабул, 63 таклиф қисман қабул ва 23 таклиф қабул нагардид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бинобар ин, аз шумо - вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ карда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зулфия ДАВЛАТЗОДА:**



**- Муҳтарам раисикунанда, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия шудааст. Мақсад аз таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур тағйирот дар муносибатҳои коргузорӣ, дарҷ намудани мафҳумҳои нави соҳаи фарҳанг ва тақвият бахшидан ба заминаҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи фарҳанг мебошад.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон бо зиёиёни кишвар қайд менамоянд, ки миллати тоҷикро ҷаҳониён бо фарҳанги волояш мешиносанд ва ба андешаи Сарвари давлат: «Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст». Фарҳанги миллӣ яке аз рукнҳои ҷудонашавандаи давлат буда, василаи асосии муаррифгари давлату миллат дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ Ҳукумати кишвар, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба фарҳанг ва арзишҳои миллии он диққати махсус дода, дар ин самт иқдомҳои зиёдро роҳандозӣ карданд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», эълон намудани иди Наврӯз ҳамчун иди байналмилалӣ, қайд намудани «Рӯзи фалак», «Иди меҳргон», «Рӯзи китоб» ва дигар чорабиниҳои сатҳи баланд далели ин гуфтаҳост.

Бо назардошти таваҷҷуҳи махсуси Президенти кишвар соҳаи фарҳанг ва татбиқи сиёсати фарҳанги миллӣ, тарғиби дастовардҳои беназири даврони соҳибистиқлолӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани фарҳангу санъати асили тоҷикон, зарурати инкишоф додани самтҳои асосии афзалиятноки фарҳанги миллӣ ба вуҷуд омадааст. Ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори муассисаҳои фарҳанг бояд ба таҷдиди инфрасохтор, таҳкими пояҳои моддиву техникӣ ва тарбияи кадрҳои соҳа, мусоидат ба раванди ташаккули эҷодиёти халқ, истифодаи самарабахши неруи фарҳангӣ ва маънавии миллат таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» соли 1997, яъне 26 сол пеш қабул карда шудааст. Дар ин давра дар соҳаи фарҳанг як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо», «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо», «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ» ва «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» қабул гардиданд. Аз ин рӯ, барои дуруст ба роҳ мондани самти кор ва дарҷ намудани механизми иҷрои санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ зарурат ба миён омадааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» дар таҳрири нав таҳия карда шавад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 11 боб ва 70 модда иборат буда, вобаста ба инкишофи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг, театр, китобхонаю осорхона, воситаҳои ахбори омма ва ҳифзу истифодаи ёдгориҳои таърихӣ барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳанг, бунёди инфрасохтори муосири фарҳангӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои соҳаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат хоҳад намуд.

Аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»-ро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**
**- Муҳтарам Дилрабо Мансурӣ, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» қонуни мукаммал буда, барои ҳифзи мероси фарҳангии мо, мушаххас намудан ва ҳифзи муассисаҳои фарҳангиамон мусоидат менамояд. Ҳамзамон, дар лоиҳаи қонуни мазкур таҷрибаи қонунгузории давлатҳои Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба асос гирифта шудааст. Инчунин, феҳристҳои ягонаи фарҳангӣ номбар карда мешавад, ки минбаъд дар чунин феҳристҳо тамоми сарватҳои ғайримоддии фарҳангиамон дарҷ хоҳанд шуд. Дар 11 боби ин қонун тамоми фаъолият дар соҳаи фарҳанг танзим гардида, қонуни мазкур дар тақвият бахшидани фаъолияти соҳаи фарҳанг мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА: -** Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раъноxон Бобоҷониён дода мешавад.

**Раъноxон БОБОҶОНИЁН:**
**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби 8 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Пешниҳоди он дар ҷаласаи имрӯза саривақтӣ буда, силсилапайванди сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дирӯз бахшида ба ҷашни 115 - солагии академик Бобоҷон Ғафуров Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «тоҷикон мардуми фарҳангӣ ҳастанд». Воқеан, фарҳанг, илму маърифат ва варзиш дар арсаи байналмилалӣ муаррифгари миллат аст. Мо бо ҳар ҳамватани худ, ки Тоҷикистон ва тоҷиконро муаррифӣ мекунад ва ғолибияти худро ба Ватан мебахшад, ифтихор дорем. Лоиҳаи қонуни мазкур мукаммал аст. Дар моддаи 16 лоиҳаи қонуни мазкур имтиёзҳои кормандони соҳаи фарҳанг пешбинӣ шудааст, ки аз ҷумла «ба кормандони муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг имтиёзҳои ба кормандони соҳаи маориф баробаркардашуда дода мешаванд. Ҳамчунин, кормандони муассисаҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи фарҳанг аз имтиёзҳое, ки барои кормандони муассисаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг пешбинӣ шудаанд, ҳуқуқи баробар истифода бурданро доранд». Ин рақобати солим ба миён оварда, барои дарёфти истеъдодҳои нав мусоидат менамояд.

Вобаста ба субъектҳои фарҳангӣ моддаи нав ворид шудааст. Ҳатто дар моддаи 30 ба соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ таваҷҷуҳ намуда, таъкид кардаанд, ки «муассисаҳои телевизион ва радиошунавонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва ноқилӣ иборатанд, ки аз ҳисоби буҷет ва сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешаванд».

Махсусан, таъкиди таъсиси муассисаҳои фарҳангӣ дар хориҷи кишвар дар моддаи 64 омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамватанон, тоҷикони бурунмарзӣ ва намояндагиҳои онҳо ҳамкорӣ намуда, чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ мегузаронад, барои бунёди марказҳо, муассисаҳои таълимиву фарҳангӣ, хазинаҳои махсус ва рушди фарҳанги миллӣ дар хориҷи кишвар мусоидат мекунад».

Заминаҳои ҳуқуқӣ барои рушди соҳаи фарҳанг бо қабули қонуни мазкур бештар мегарданд. Аз ин лиҳоз, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА: -** Сухан ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ҳакимзода дода мешавад.

**Шарифҷон ҲАКИМЗОДА:**
**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» соли 1997 қабул шуда, солҳои тӯлонӣ мавриди тағйиру иловаҳо қарор нагирифта бошад ҳам, тавонист рушди соҳаро бо назардошти такомули ҷаҳони муосир таъмин намояд. Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда бо дарназардошти дастовардҳое, ки дар ҷомеаи мо ба вуҷуд омадааст, мутобиқ гардонида шудааст. Лоиҳаи қонун ба ғайр аз хусусияти таҳририӣ, суфтагардонӣ ва иловаи меъёрҳои нав комёбиҳои зиёд дорад. Аз шакли ниҳоии он бармеояд, ки лоиҳа аз ҳар ҷиҳат ба талаботи замони муосир ва низоми ҳуқуқии кишвар мутобиқ гардонида шудааст. Бинобар ин, аз вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳанд.

**РАИСИКУНАНДА:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337-и Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда баррасӣ шавад ё яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба муовини прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоамон Рофизода дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоамон РОФИЗОДА:**



**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқ намудани меъёрҳои санади байналмилалии ҳуқуқӣ ба қонунгузории миллӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Масъалаҳои ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ дар сатҳи минтақавӣ дар асоси Конвенсияи Кишинёв оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7 – уми октябри соли 2002 ба роҳ монда, ин конвенсия аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст. Аксари меъёрҳои ин санади байналмилалии ҳуқуқӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ мавҷуд набуда, зарурати имплементатсия ё ворид намудани меъёрҳои санади байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ пеш омадааст. Ҳамин тариқ, дар лоиҳаи қонуни мазкур фасли XII хориҷ карда шуда, ба он қисми IV бо 5 боб, ки аз 55 модда иборат аст, яъне моддаҳои 470-525 илова карда шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом лоиҳаи қонуни мазкур таҳия гардида, тавсияҳои пешниҳодмуда пурра ба назар гирифта шуданд.

Дар лоиҳаи қонуни мазкур моддаи алоҳида вобаста ба кофтуков, ҳабс ва мусодираи молу мулк дар асоси дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ворид карда шудааст. Инчунин, дар лоиҳа тартиби таъсис ва фаъолияти гурӯҳҳои муштараки тафтишотӣ ва фаврӣ-тафтишотӣ ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва тафтиши ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва силоҳ, киберҷиноятҳо ва ғайра муайян карда шудааст.

Дар лоиҳа бо назардошти тараққиёти воситаҳои техникии иттилоотӣ гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ тавассути воситаи алоқаи видеоӣ дар моддаи алоҳида муайян карда шудааст. Ин имкон медиҳад, ки пурсишҳо ва дигар ҳаракатҳои зарурии тафтишотӣ аз ҷониби гурӯҳи муштараки тафтишотӣ ва зимни иҷрои дархостҳои байналмилалӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳ ва бе хароҷоти зиёдатӣ гузаронида шаванд. Ғайр аз ин, дар лоиҳа ба иштироки намояндаи мақомоти салоҳиятдори давлати хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ зимни иҷрои дархости байналмилалӣ оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ имкон дода шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шудааст. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба шартномаҳои эътирофнамудаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлат хароҷоти иловагиро талаб намекунад. Аз ин рӯ, аз шумо - вакилони муҳтарам, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**
**- Муҳтарам раисикунанда, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ байни мақомоти дахлдори давлатии мамлакат бо мақомоти салоҳиятноки мамлакатҳои хориҷӣ таҳия шудааст. Дар ин асос, пешниҳод мешавад, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқии мутақобила бо мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ барои иҷрои амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ, супоридани ҳуҷҷатҳо, баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ, супоридани шахс ва дар муҳлати муайяншуда бозпас гардонидани шахси муваққатан супоридашуда, шахси мубталои бемории рӯҳӣ, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудаанд, инчунин интиқоли транзитӣ, эътироф ва иҷрои санадҳои судӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва дар ҳолати набудани шартномаҳои байналмилалӣ дар асоси дархости давлатҳои хориҷӣ ё дархости мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созиши тарафҳо ба амал бароварда шаванд.

Тибқи қисми 2 лоиҳаи қонуни мазкур пешбинӣ мегардад, ки Фасли XII Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуда, ба кодекси мазкур қисми IV, яъне «Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ» илова карда шавад, ки он фарогири 1 фасл, яъне - «Фасли XII. Ҳамкории судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатҳои хориҷӣ» буда, аз 5 боб ва 55 модда (моддаҳои 470-525) иборат мебошад.



Мутобиқ ба талаботи моддаи 471 иловашаванда ёрии ҳуқуқӣ, дар мавриди мавҷуд набудани шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мумкин аст дар асоси дархости давлати хориҷӣ ва ё дархости мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳамкории тарафҳо расонида шавад. Ҳамзамон, мувофиқи муқаррароти моддаи 472 иловашаванда Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ дар самти мурофиаи ҷиноятӣ ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти марказӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ вобаста ба пешбурди мурофиаи судӣ муайян гардидаанд. Дар ҳолатҳое ки дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ вобаста ба гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, ки розигии прокурор ва иҷозати судро талаб наменамоянд, мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон - Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба парвандаҳои ҷиноятии дар пешбурдашон қарордошта бо дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ бевосита муроҷиат карда, чунин дархостҳои мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷиро иҷро менамоянд.

Мутобиқ ба талаботи моддаҳои 475 ва 476 иловашаванда вазъи ҳуқуқии далелҳои дар ҳудуди давлати хориҷӣ ба дастовардашуда, тартиби нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ муайян карда шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар амалигардонии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ супоридани шахс ба тарафи дархосткунанда ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 498 дархост оид ба супоридани шахс дар сурате равон карда мешавад, ки агар барои яке аз ҷинояти содирнамудаи ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на кам аз як сол пешбинӣ шуда бошад ё муҳлати адонакардаи ҷазои шахси бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда на кам аз шаш моҳро ташкил диҳад.

Дар доираи ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ байни давлатҳо масъалаи душаҳрвандӣ, аз ҷумла ба тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ бетаъсир буда наметавонад. Аз ин рӯ, мутобиқи талаботи моддаи 512 супоридани шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои шаҳрвандии давлати дигар мебошад, дар асоси шартномаи тарафҳо амалӣ карда мешавад. Тартиби супоридани шахсони дорои душаҳрвандӣ бошад, бо қоидаҳои моддаҳои 498-516 кодекси мазкур муайян карда мешавад.

Дар доираи муқаррароти лоиҳаи қонуни мазкур масъалаи эътироф ва иҷрои ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ низ ҳалли худро ёфтаанд. Дар ин асос, мутобиқ ба талаботи моддаи 517 бо тартиби муқаррарнамудаи кодекси мазкур ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст дар ҳолатҳои дар ин модда дарҷнамуда эътироф ва иҷро карда мешаванд.

Вобаста бо эътироф ва иҷрои ҳукми суди давлати хориҷӣ ба миён омадани даъвои гражданӣ қарор дар бораи эътироф ва иҷрои ҳукми суди давлати хориҷӣ, инчунин вобаста ба даъвои гражданӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиётро гузаштааст. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бобҳои дуюм, ҳаштум ва нуҳуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони гиромӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИСИКУНАНДА:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИСИКУНАНДА: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

